**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КАО-026-и**
**назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
**(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич дар мавзӯи «Омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) пешниҳод шудааст

Натиҷаи таҳлилу баррасӣ ва омӯзиши автореферати диссертатсияи Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич дар мавзӯи «Омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) нишон дод, ки дар шароити кунунии рушди давлатдории миллӣ диссертатсияи ӯ ба яке аз мавзӯъҳои мубраму ҳалталаби илми сиёсатшиносӣ ва масъалаҳои доғи ҷомеа бахшида шудааст.

Зимнан бояд эътироф намуд, ки коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси олам ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоиву иқтисодии давлат эътироф гаштааст. Мавҷудияти коррупсия, паҳншавӣ ва афзудани он пояҳои давлатдориро заиф гардонида, обрӯю нуфузи давлатро дар арсаи байналмилалӣ коста мегардонад.

Дар замони муосир бо дарназардошти раванди ҷаҳонишавӣ ва рушди бемайлони муносибатҳои ҷамъиятӣ инсоният ба таҳдиду хатарҳои нави глобалӣ ба мисли терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, савдои одам ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ рӯбарӯ шуда истодааст. Дар баробари хатару таҳдидҳои ишорашуда коррупсия низ мавқеи устуворро касб намудааст, ки зарари он нисбат ба хатарҳои

дар боло зикршуда ба соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи мамлакат камтар намебошад.

Бо дарназардошти ҳолатҳои зикршуда масъалаи муқовимат бо коррупсия ва андешидани чораҳои зиддикоррупсионӣ аз самтҳои афзалиятноки сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Дар шароити кунунӣ анҷом додани ҳама гуна тадқиқоти арзишманди илмӣ, ки ба коркард ва таҳияи таклифу тавсияҳои судманди илмӣ дар самти муқовимат ва пешгирии коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳуқуқӣ иртибот доранд, аз ҳар ҷиҳат қобили пазироӣ ва дастгирист. Дар маҷмӯъ, муҳаққиқи ҷавон Ҳасанов Ш.Қ. ба таҳқиқи яке аз мавзӯъҳои мубрам рӯ овардааст.

Диссертант дар муқаддимаи кор доир ба муҳимияти мавзӯи мавриди таҳқиқ, дараҷаи илмии омӯзиши он маълумоти комил додааст.

Дар робита ба мавзӯи мавриди назар диссертант ба маврид қайд менамояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарофати ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ заминаҳои устувори ҳуқуқӣ ва ташкилии муқовимат бо коррупсия фароҳам оварда шуда, давоми се даҳсолаи охир дар ин самт як силсила қонунҳо, консепсияҳо, стратегияҳо таҳия ва қабул гардида, ҷиҳати баланд бардоштани сиёсати зиддикоррупсионӣ корҳои зиёде ба сомон расонида шудааст. Тоҷикистон ҳамчун узви ҷудонопазири ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дарки хатари коррупсия ва оқибати манфури он санадҳои байналмилалии дахлдорро вобаста ба муқовимат ба коррупсия ратификатсия намудааст.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки муаллифи рисола нақшаи корро илман асоснок ва мантиқан дуруст тарҳрезӣ намуда, тибқи он таҳқиқоти илмиро анҷом додааст. Рисола аз муқаддима, чаҳор боб (иборат аз 11 фасл), хулоса ва феҳрасти манобеи истифодашуда иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия «Асосҳои назариявию методологии таҳқиқи назарияи коррупсия» ном дошта, дар он масъалаҳои асосҳои назариявии таҳқиқи коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ,

ҷанбаҳои методологии назарияи коррупсия, сабабҳои пайдоиш ва рушди коррупсия ҳамчун зуҳуроти иҷтимоию сиёсӣ, таҳлили таърихӣ-генетикии рушди коррупсия мавриди пажуҳиш карор дода шудаанд.

Дар боби дуюми рисола масоили дурнамо, самтҳо ва усули сиёсати зиддикоррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Муаллиф дар таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаҳо муваффақ шуда, дар хусуси самтҳои асосии мубориза бо коррупсия ва омилҳои муқовимат бо он дар Тоҷикистони муосир хулосаи асоснок баён намудаанд.

Боби сеюми рисола «Муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» номгузорӣ шуда, муҳаққиқ дар он таҷрибаи ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия ва омилҳои мубориза бо коррупсия ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти назораткунанда дар ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба риштаи таҳлил кашидааст. Ба андешаи ӯ коррупсия таносуби байни зерсохторҳои ҳокимиятро хароб сохта, боварии мардумро ба давлат коҳиш медиҳад, ҷудоии байни ақшори ҷомеа ва давлатро дучанд месозад ва барои пойдории давлат хатари ҷиддӣ эҷод мекунад.

Дар боби чоруми диссертатсия, ки «Роҳҳои баланд бардоштани нақши ниҳодҳои давлатӣ ва сиёсию ҷамъиятӣ дар мубориза бар зидди коррупсия» ном дорад, муаллиф масъалаҳои баланд бардоштани нақши ниҳодҳои идоракунии давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҷойгоҳи давлати иҷтимоиро дар мубориза бар зидди коррупсия ва такмили тадбирҳои идораи сиёсӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, бунёди давлати босамар ҳамчун марҳилаи нави ҳамкории давлат ва ҷомеаи шаҳрвандиро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Дар умум, муаллиф имкон пайдо кардааст, ки дар асоси истифодаи адабиёт ва сарчашмаҳои фаровони илмӣ, сиёсиву ҳуқуқӣ ва адабии олимони ватанӣ ва хориҷи кишвар, маъхазҳои нодири таърихӣ, доктринаҳои муосири илми сиёсатшиносӣ, дастрасӣ ва таҳлили

ҳамаҷонибаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, маърузаву баромадҳо ва Паёмҳои Пешвои муаззами миллат Э.Раҳмон, инчунин таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии таҷрибаи пешқадами кишварҳои дунё дар самти муқовимат бо коррупсия ва амалӣ кардани назарпурсиҳо бо кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, моҳият ва муҳтавои коррупсияро ҳамаҷониба баррасӣ намояд.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзӯи интихобшуда, асолат ва навоварӣ, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия муфид арзёбӣ мегардад.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода мегардад, ки аввалин маротиба дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби муаллиф пажуҳиши бунёдӣ ва мукаммали омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ бар мабнои маводи арзишманди илмӣ , амалияи фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи дунё ба роҳ монда шудааст. Таклифу пешниҳодҳо ва хулосаҳои муаллиф дар маҷмӯъ метавонанд дар самти муқовимат бо коррупсия ва пешгирии амалҳои коррупсионӣ дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ хизмат намоянд.

Ба сифати эрод метавон чунин нуктаҳоро зикр намуд:

- Ба таври кофӣ истифода нашудани афкор ва асарҳои илмии олимони ҳуқуқшинос дар самти муқовимат бо коррупсия;
- Мавҷудияти баъзе аз ғалатҳои имлоӣ, техникӣ ва китобатӣ.

Эродҳои ишорашуда, дар умум, хусусияти тавсиявӣ дошта, ба ҳеҷ ваҷҳ мазмуну моҳият ва эътибори баланди илмии корро коҳиш намедиҳанд.

Дар маҷмӯъ, автореферати рисолаи Ҳасанов Ш.Қ. фарогири пурраи муҳтавои диссертатсия буда, дар он масъалаҳои гузошташуда аз лиҳози илмӣ пайдарпай баррасӣ гардида, мантиқан ҳаллу фасл шудаанд ва сазовори баҳои баланд аст.

Таҳқиқоти Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич дар мавзӯи «Омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ» (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) як кори мустақили илмии бунёдӣ буда, комилан ба талаботи “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор)”, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ҳасанов Шарифхуҷа Қозиевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ) мебошад.

**Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ**
**ва муқовимат бо коррупсияи факултети**
**ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Шарипов Т.Ш.**

**Суроға: ш.Душанбе, 734025, хиёбони Рудакӣ 17.**
**Т.м.: (+992) 918408600**

**«Имзои Шарипов Т.Ш.-ро тасдиқ мекунам»**
**Сардори Раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**

26-04-021